# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ*

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.05 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

*Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти* диссертатсионии Сайдамадзода Ҳусноро аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи нақши ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ, ки падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангии мардум мебошанд, ва ҳанӯз дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, бо тағйири сохту мундариҷаи худ садсолаҳоро пасисар карда, то ба имрӯз расидаанд, иборат мебошад. Ҷашну маросими миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро бо ҳам мепайвандад ва барои ваҳдату ягонагӣ, сулҳу амонӣ, дӯстӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ ва мустаҳкам шудани худшиносию ватандӯстӣ воситаи муҳим мебошад.

Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар сарнавишти миллати тоҷик бояд ҳамчун арзишҳои табиӣ ва ҷудонашавандаи фарҳангӣ-педагогӣ дониста шаванд. Ҷашну маросими миллие, ки аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд ва дар марҳалаҳои муайяни таърихии рушди ҷомеа тағйир ёфтаанд, аз худ карда шуда, бо мазмуни нав, дар робита бо унсурҳои фарҳангии тамаддунҳои дигар ва

дар ин замина дар анъана ё ҷашнҳои мустақили миллӣ ё асосҳои динӣ ташаккул меёбанд.

Дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ Сайдамадзода Ҳусноро тарбияи ватандӯстии наврасонро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқот қарор дода кӯшиш намудааст онро ҳамчун системаи бо ҳам алоқаманд ва ягона дар низоми таҳсилот баррасӣ намояд. Чунки муҳити тез тағйирёбанда ва бо суръати тез инкишофёбии муносибатҳои байни одамон, намояндагони қавму миллатҳои гуногуни дар Тоҷикистон зиндагикунанда истифодаи омилҳои ҷашну маросими миллӣ дар таълиму тарбияи ватандӯстӣ, муносибати махсус ва таҳаммулпазириро талаб мекунад. Бояд ҳамаи онҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Тоҷикистон, нигоҳдории муносибатҳои дӯстонаи таърихан муқарраршуда кӯшиш намоянд, онҳоро афзун гардонанд. Дуруст таъкид карда шудааст, ки дар тарбияи хонандагон бояд аз арзишҳои олии маънавӣ-ахлоқӣ, ғояҳо, равандҳо, падидаҳои иҷтимоии таъсиррасонии мақсадноки тарбияи ватандӯстӣ истифода бурда шаванд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда нуқтаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Маълум аст, ки таҳқиқи ҷабҳаҳои илмӣ, методологӣ ва арзишмандии ҷашну маросими миллӣ баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Чунин амал ба муҳаққиқ имконият додааст, дар раванди таҳқиқот ба масъала аз нигоҳи иҷтимоӣ, ҷабҳаҳои психологӣ-педагогии он ягонагии таъсиррасонии мақсадноки тарбиявиро ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори хонандагон дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирад. Ҳангоми коркард ва баррасии фарзияи таҳқиқот, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда ҷанбаҳои фалсафӣ-таърихӣ ва шароитҳои психологӣ-педагогии тарбияи ватандӯстӣ ва таъсири омилҳои ҷашну маросими миллӣ ба ин раванд таъкид гардида дар рафтори таҳқиқот хусусиятҳои психологию синнусолии инкишофи хонандагон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Оид ба *навгонии кори таҳқиқот* чунин нуктаҳоро арзёбӣ намудан мумкин аст: қонуниятҳои таърихию педагогии рушди фаъолияти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун тарбияи ватандӯстӣ дар давраҳои гуногун ҳамчун раванди мураккаби динамикӣ ҳамаҷониба аниқ карда шудааст. Маводи таърихӣ-педагогӣ ва бадеӣ-педагогӣ, этнографӣ, этнологӣ, ки

ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ ва ташаккули шахсияти хонандагонро фаро нагирифта буд ё ба қадри кофӣ омӯхта нашуда буд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аҳамияти таърихии инкишоф ва интиқоли ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян гардидааст. Имконоти гуногуни истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ дар низоми ягонаи таҳсилот ошкор карда шудаанд. Вазъи истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани маданияти педагогии омӯзгорон таҳлил карда шуда, роҳҳои истифодаи оқилонаи унсурҳои миллӣ ва умумибашарии педагогикаи халқӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии онҳо, падидаҳои нави иҷтимоию педагогии ҷомеа муайян карда шуд.

Методҳои назариявӣ ва амалии интихобнамуда ва истифодакарда ба муаллиф имконият додааст ба натиҷаҳои дилхоҳ кори таҳқиқотӣ ноил гардида амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо, коркарду пешниҳоди хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

*Аҳамияти назариявӣ ва амалии* кори таҳқиқотии мазкур аз илман асоснок намудани тарбияи ватандӯстии хонандагон тибқи назарияи илмӣ-педагогӣ ва татбиқ намудани мероси чандинасраи халқи тоҷик дар шакли ҷашну маросимҳо иборат мебошад. Нақши ҷашну маросими миллӣ дар назария ва амалияи тарбияи ватандӯстии хонандагон ошкор гардида, ҳангоми инъикоси ҷашну маросими миллӣ, рафтор, ҳиссиёт ва таасуроти хонандагон ба назар гирифта шудаанд. Усулу воситаҳои анъанавии тарбияи ватандӯстӣ ба назар гирифтани давраҳои гуногуни инкишофи шахсият, махсусан хусусиятҳои хонандагони синфҳои 9-11 муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардида, моҳияти ҷашну маросимҳое, ки дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст, асоснок ва роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо муайян карда шудаанд. Роҳҳои инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ ва такмил додани амалияи таъсири байниҳамдигарии мактабу ҷомеа пешниҳод гардидааст.

Бинобар ин, таҳқиқот оид ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ муҳим буда, метавонанд замина ба таҳқиқотҳои сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, иҷрои вазифаҳои тарбия ва ташаккули ҳиссиёт, тасаввурот, амалу рафторҳои ватандӯстӣ бо таври комплексӣ таъмин карда мешаванд. Дар таҳқиқот маҷмуи

шароиту имкониятҳои истифодабарии ҷашну маросими миллӣ пешниҳод карда шудаанд, аз онҳо омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилотӣ метавонанд истифода, бурда сатҳу сифати фаъолияти касбии худро такмил диҳанд.

*Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ* ба манбаҳои таърихӣ-адабӣ ва илмӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар асоси ба назар гирифтани осори мутафаккирони форсу тоҷик дар низоми муосири тарбия, гузаронидани озмоишҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани натиҷаҳои пажуҳиш эътимотнокии таҳқиқоти мазкурро муқаррар мекунад.

*Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот* дар самтҳои зерин ифода гардидааст: таҳлили амиқи маводи илмӣ, сарчашмаҳои илмӣ, баррасиву шарҳу тафсири маълумотҳои дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилгардида; муайянсозии нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар низоми муосири тарбия ва дар ин асос муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи ин арзишҳои миллӣ; муайян намудани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи истифодаи ҷашну маросими миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас; санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда, интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуъ ва дар семинару конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ бо маъруза баромад кардан.

Диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро мувофиқ ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз ду боб, чор зербоб, хулоса, тавсияҳои методӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳмияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст. Мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шудаанд. Фарзия ба таври амиқ ва мухтасар ифода карда шудааст. Асосҳои методологию назариявӣ, методҳои таҳқиқот нишон дода шудааст. Навгониҳои илмӣ, аҳмияти амалию назариявии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд. Проблемаҳое, ки дар рисола тасдиқи

худро ёфтаанд, баён гардида, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

*Дар боби аввал – «Ҳадафмандии ҷашну маросими халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон»* аз ду зербоб иборат буда, онҳо мантиқан давоми ҳамдигар мебошанд.

*Зербоби якум* таҳлилу баррасии «Таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11»-ро фаро гирифтааст. Муҳаққиқ дар таҳқиқи масъалаи мазкур муайян намудааст, ки ҳувияти миллӣ тавассути рамзу нишонаҳои миллӣ, такя кардан ба собиқаи таърихию фарҳангӣ зуҳур меёбад. Ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангии мардум мебошанд, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, бо тағйири сохту мундариҷаи худ садсолаҳоро пасисар карда, то ба имрӯз расидаанд.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки  нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ганҷи бебаҳои мероси миллӣ ба шумор меравад. Аксар наслҳо онро нигоҳ дошта, ғанӣ мегардонанд ва ба насли нав мерос мегузоранд. Вақте ки ин робита қатъ мегардад, насл аз фарҳанги миллии худ дур мегардад.

Омӯзиши масъалаи ҷашну маросими миллӣ ҳамчун восита тарбияи ватандӯстӣ аҳамияти илмию амалӣ дорад, зеро дар заминаи омӯзиши онҳо дар процесси таълиму тарбия, барои хонандагони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ воситаҳои таъсиррасонӣ гардида, эҳё ва тарғиби анъанаҳои пешқадам ва инсонпарварона дар марҳилаи муосир таъмин мегардад.

Ҷашну маросими миллӣ на танҳо аҳамияти тарбиявӣ, балки арзиши бузурги иҷтимоию  сиёсӣ низ доранд. Онҳо наслҳои имрӯзу ояндаро дар руҳияи эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллию умумибашарӣ, бахусус анъана ва ҷашну маросимҳо, қоидаҳои тартибот ва тарзи зиндагии мардум тарбия мекунанд. Насли навро бо ҳаёти гузашта ва имрӯзаи миллатҳо шинос намуда, меҳру муҳаббатро нисбат ба халқ, Ватан ва эҳтиром гузоштан ба ҳамаи халқу миллатҳои рӯи замин ташаккул медиҳад.

*Дар зербоби дуюми боби аввал* «Таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ»  ҷанбаҳои назариявии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар илми педагогика баррасӣ мегардад.

Муҳақиқ қайд мекунад ки муҳаққиқон аксар вақт дар бораи ҷашну маросими миллӣ бо муболиға ҳарф мезананд ва фаромӯш мекунанд, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҳам хусусиятҳои хос ва ҳам умумӣ доранд. Ба назари мо, ҳангоми баррасии масъалаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бояд манфиатҳои ҳарду ҷониб – ҳам миллати худ ва ҳам дигаронро, ки бо маълумоти мушаххаси моддӣ тасдиқ шудаанд, ба назар гирифта шавад.

Таҳқиқи хусусиятҳои душворию зиддиятҳои мавҷуда дар инкишофи ҷашну маросими миллӣ ва умумибашарӣ аз нуктаи назари илми педагогика аҳамияти муҳим дорад.

Унвонҷӯ ҷашну маросими миллиро аз рӯи аҳамият, хусусият ва мавқеи худ дар ҷомеа ба ду қисм ҷудо мекунад:

1. Ҷашну маросимҳое, ки аз рӯи аҳамият, мазмун ва мақоми сиёсию иҷтимоии худ манфиатҳои як халқ, як миллатро ифода мекунанд;

2. Ҷашну маросимҳое, ки аз рӯи аҳамият, мазмун ва мақоми иҷтимоии худ аҳамияти умумибашарӣ дошта, самараи дастаҷамъонаи бисёр қавму миллатҳо мебошанд.

Дар зербоби мазкур муҳақиқ аз таваҷҷуҳи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба масъалаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ҷашну маросими миллӣ иброи андеша намудааст.

*Дар боби дуюми* «Зарурати мутобиқсозии ҷашну маросими халқи тоҷик дар низоми тарбия ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

*Дар зербоби аввали боби макур* «Хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон» аз ҷиҳати назариявӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки пажӯҳиши ҷиҳатҳои педагогии ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ имкон медиҳад, ки роҳу усулҳои самараноки истифодаи онҳо дар раванди таълим муайян карда шаванд. Муаллимон ва тарбиятгарон метавонанд, бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонандагон, барномаҳои таълимиро таҳия намоянд, ки дар онҳо ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун манбаи дониш, арзиш ва таҷриба истифода шаванд. Чунин муносибат ба тарбияи насли ватандӯст, худогоҳ ва соҳибмаърифат мусоидат хоҳад кард.

Маросим ва ҷашнҳо, ки ҷузъи таркибии арзишҳои миллӣ ба ҳисоб мераванд, дар ҳифзи мероси фарҳангӣ ва интиқоли он ба наслҳои оянда

саҳмгузоранд. Дар ин замина, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои миллиро кафолат дода, рушди фарҳанги миллиро ҳамчун самти афзалиятнок муайян намудааст. Ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ки таърихи чандинҳазорсола доранд, намунаи барҷастаи арзишҳои миллии тоҷикон мебошанд, ки дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди фарҳанги миллӣ нақши муҳим мебозанд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки бо дарназардошти аҳамияти арзишҳои миллию умумибашарӣ, таҳияи маънои педагогии онҳо барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ зарур аст. Ин маънои онро дорад, ки дар раванди таълим ва тарбия бояд ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ диққати махсус дода шавад, то ки насли наврас ҳамчун шахсиятҳои комил ва дорои ахлоқи ҳамида ба воя расанд.

Ниҳоят, арзишҳои миллию умумибашарӣ ҳамчун ду рукни муҳим дар ташаккули ҷомеаи солим ва пешрафта нақши муҳим мебозанд. Ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, ҳамзамон эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ, шарти асосии пешрафти ҷомеа ва таъмини сулҳу субот дар ҷаҳон мебошад.

З*ербоби дуюми боби дуюм* «Озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ» ном дошта, муаллиф бо истифода аз озмоишҳо технологияи амалисозии чашну маросими миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл намудааст.

Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки халқи тоҷик ба ҷашну маросими миллии худ зинда ва поянда аст. Таваллуди тифл, гаҳворабандон, либоспӯшон, оббозии нахустин, баромадани дандони аввалин (дандонмушак), мӯйсаргирон, тӯй, арӯсбарорию арӯсорӣ ва ғайра аз маросиму оинҳоест, ки зиндагиро лаззат мебахшанд.

Бинобар ин, бо мақсади татбиқи технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ озмоиши таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Ба сифати пойгоҳи экспериментании таҳқиқот 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №№53, 10 ноҳияи Восеъ; №№12, 1 ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва №№ 8, 52 шаҳри Кулоб интихоб гардиданд. Ҳангоми омӯзиши муносибати волидайн доир ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11

респондентон асосан аз деҳаи Кишти ҷамоатҳои деҳоти «Н. Маҳмудов» ва деҳаи Навободи ҷамоатҳои деҳоти «Шӯрообод»-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, шаҳраки Ҳулбуки ноҳияи Восеъ, инчунин шаҳри Кулоб, яъне аз ҳамон маконе, ки МТМУ-и номбаршуда фаъолият мекунанд, интихоб гардидаанд.

Ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ, ки аз се марҳила иборат будааст, муҳақиқ аз усулҳои методологӣ-илмӣ ва таҳлили манбаъҳо, аз ҷумла адабиёти илмӣ оид ба масъалаи мавриди баррасӣ, пурсиш (ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ), тестиронӣ, мусоҳиба, таҳлили маводи таълимӣ-методӣ, мушоҳидаи педагогӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти амалӣ, коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот истифода намудааст. Ин усулҳо ба муҳақиқ имкон доданд, ки маҷмуи васеи маълумотро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, ба ҳолати воқеии масъалаи тадқиқотӣ баҳои объективӣ диҳад.

Ба сифати арзёбии меъёрҳои дониши хонандагон ҳамон арзишҳоеро интихоб гардидааст, ки дар бунёд, таъмин ва пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ нақши калидӣ доранд.

Ба андешаи муаллиф, эҳёи арзишҳои миллӣ, ҳифз ва муаррифии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ барои баланд бардоштан ва таҳким бахшидани руҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии мардум, бахусус наврасону ҷавонон хеле муҳим аст. Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, арзишҳои неки миллӣ, анъана ва ҷашну маросимҳои бостониро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносӣ ва муаррифии шоистаи миллати куҳанбунёди тоҷик дар арсаи ҷаҳон, ки анъана ва ҷашну маросимҳо, аз қабили Наврӯз, Тиргон», Меҳргон, Сада ва Ялдо, ҷузъи ҷудонашавандаи онҳо ба шумор меравад, бояд эҳё гардад.

Дар асоси баҳисобгирии натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯи маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути истифодаи ҷашну маросимҳои миллӣ пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 номгӯй, 3 номгӯи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ* ба талаботи КОА ба таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, номзади

илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамояд. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда оид ба моҳияти кори таҳқиқотии ташкил ва гузаронидашуда, натиҷагии муҳаққиқ аз он маълумоти аниқ медиҳад.

*Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он*

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар диссертатсия ва автореферати он ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудаанд, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар такмилу давомдиҳии минбаъдаи кори илмӣ ба муҳаққиқ мадад хоҳад расонд. Ба монанди:

1. Дар кори таҳқиқотӣ оид ба ҳамкориҳои мутақобилаи муассисаи таҳсилотӣ бо оила дар тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути технолоогияҳои рақамӣ, ки ҳам талаботи муосир ва ҳам раванди ҳамкориро ба таври мунтазам ба роҳ мемонад, андеша ва мулоҳизаҳои довталаб ироа нашудааст. Бисёр хуб мешуд довталаб роҳу усулҳои ҳамкориҳоро бо истифода аз технолоогияҳои рақамӣ нишон медод.

2. Муаллифи рисолаи илмӣ бо мисолҳои мушаххас, дар амалияи таълим чӣ гуна татбиқ намудани нақши ҷашну маросими миллиро дар тарбияи ватандӯстии хонандагон пешниҳод менамуд, арзиши илмии кори таҳқиқотӣ бештар мегардид.

3. Бисёр ба маврид ва саривақтӣ мебуд агар муаллифи рисола амалишавии талаботи “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” –ро мавриди талилу омӯиш қарор дода, фикру ақидаи худро иброз медошт, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат галатҳои имлоию техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба таҳрируислоҳнамоӣ ниёз доранд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Бинобарин он кори таҳқиқотии ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад. Кори диссертатсионии Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯи сохтор тибқи талабот ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи таҳқиқот Сайдамадзода Ҳусноро сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
директори Муассисаи давлатии
таълимии “Литсейи касбии
техникии ноҳияи Шаҳринав” Давлатзода Ҷамила

20.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 737450. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Мирзо Турсунзода, кӯчаи Ч. Уразов14.
Тел: 907 95 06 35; 934 19 60 65. E - mail: LKT.Shakhrinav@mail.ru.

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии таълимии
“Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав” Алиева Сайфимо